**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502) – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи номзадии Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст, ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносӣ-роҳҳои калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи мавриди назар, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми бой гардонидани таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад ва маҳз бо ҳамин роҳ таркиби луғавии забон инкишоф меёбад. Инсон дар зиндагӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолибҳои гуногун калимаҳои зиёдеро истифода мебарад, ҳамзамон дар баробари пешрафти ҷомеа забон низ рушду такомул меёбад. Аз ин хотир, забонро ҳамсафари доимии ҷомеа ном мебаранд. Дар ҳоли ҳозир, зарурате пеш омадааст, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳои бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усулҳои калимасозӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Талаботи мазкур ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу иборасозӣ асосу омили муҳимме ба шумор меравад.

Ҳадафи таҳқиқи мавзуъ нишон додани роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад буда, ба ин васила накши осори ин адиб дар таҳаввули таркиби луғавии забони тоҷикӣ муайян карда мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Валиев Ҷ.А. аз муқаддима, се боб, фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи рисола оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқиот, фарзияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, мавзуи асосҳои методологии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ барои баррасии мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми рисола мушаххас баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Таҳқиқи масоили назариявии калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад»

ихтисос дошта, фарогири ду фаслу ду зерфасл аст. Фасли аввали боби мазкур «Матолиби муқаддамотӣ» ҷанбаи назариявӣ дошта, оид ба мақоми калимасозӣ дар забоншиносӣ баҳс мекунад.

Боби дуюми диссертатсия «Роҳҳои калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ дар осори Абдулҳамид Самад» унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб дар мавриди масъалаҳои назариявии ду роҳи калимасозӣ: лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ маълумот дода шудааст. Мавзуи баҳси ин боб, асосан, ба масъалаҳои зуҳуроти сермаъноии вожаҳо, киноя ва маҷоз, исмшавии калимаҳо, исмшавии сифат, исмшавии шумораҳо ва исмшавии феълҳои ғайритасрифӣ равона гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» номгузорӣ гардида, таркиби он аз шаш фасл иборат аст. Фасли аввали «Матолиби муқаддамотӣ» ба масъалаи навъҳои калимаҳои мураккаб, роҳҳои сохта шудани онҳо ва муносибати байни ҷузъҳои калимаҳои мураккаб бахшида шудааст.

Дар ин боб доир ба вазъи истеъмоли «Исмҳои мураккаби пайваст» ва навъҳои он - исмҳои мураккаби пайваст бо миёнванди -у-: ***сарулибос, хайрухуш, ҷунбуҷӯл, печутоб*** ва ғ.; исмҳои мураккаби пайваст бо миёнванди -о-: ***кашокаш, даводав, такопӯй*** ва ғ.; бевосита такрор шудани калимаҳои: ***қоҳ-қоҳ, миш-миш, пичир-пичир*** ва ғ. ва навъҳои исмҳои мураккаби тобеъ маълумот оварда шудааст.

Диссертант вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ 25 мақола, аз ҷумла, 11 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда ва 14 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои илмӣ нашр намудааст, ки ба муҳтавои рисола мувофиқат мекунанд.

Рисола кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, ҷанбаи илмии назариявию амалии комил дорад. Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати нуқсонҳо ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо дар беҳтар гардидани мазмуни автореферати рисола мусоидат мекунанд:

1. Беҳтар мебуд, агар мубрамии мавзуи таҳқиқ каме васеътар шарҳ дода мешуд;
2. Дар банди дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва ба ин монанд дигар қисматҳо ном ва соли таҳқиқи муҳаққиқони соҳа бо тартиби хронологӣ оварда нашудааст. Агар номи онҳо бо тартиби хронологӣ оварда мешуданд, аз манфиат холӣ набуд;
3. Фасли дуюми боби дуюм «Бозтоби роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ» ном дорад. Калимаи «Бозтоб» ҷанбаи илмӣ надорад ва дар ягон фарҳанг чунин мафҳум ҷой надорад. Ин калима моли илм нест. Беҳтар мебуд, агар фасл «Роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ» ном бурда мешуд;

4. Дар автореферат ҷо-ҷо камбудиҳои техникӣ низ во мехурад, ки ислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуну муҳтавои автореферат мусоидат хоҳад кард.

Эродҳои мавриди назар, албатта, ҷанбаи назариявӣ дошта, қимати илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Рисолаи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, мазмуни он дар автореферат пурра инъикос ёфтааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад

Имзои Абдусамадзода Э.А.-ро
тасдиқ мекунам, сардори РККМ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: +(992) 918-13-99-68
E-mail: erojjon-1988@mail.ru

«25» майи соли 2023